# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна дар мавзуи “Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))**

Таҳқиқоти диссертатсионии Султонмамадова М. А. ба яке аз масъалаҳои ниҳоят муҳимми методикаи таълими адабиёти тоҷик – татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик зимни омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Перомуни таълими фанни “Адабиёти тоҷик” мақолаю дастурҳои методии зиёде аз ҷониби омӯзгорон, методистон, олимони соҳаи педагогика таълиф ва пешкаши омӯзгорон шудаанд. Ин мавод ҳама тибқи роҳҳову усули тадриси анъанавии таълим иншо шудаанд.

Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ чандин рисолаю мақолаҳои методӣ бахшида ба таълими адабиёти тоҷик ба миён омадаанд, ки ба андешаи соҳибназарон ва мутахассисон навиштаҳои Қурбон Хоҷаев, Шамсулло Исломов, Мирзоҳабиб Аҳмадов махсусиятҳои таълимии адабиёти тоҷикро то андозае дуруст ва бар асоси озмоишҳои педагогӣ хуб шарҳу маънидод кардаанд ва чандин муддат омӯзгорон бо истифода аз тавсияю пешниҳодоти онон усули таълими адабиётро аз диди дигартар ба роҳ монданд.

Беш аз бист сол мешавад, киислоҳоти соҳаи маориф дар кишварамон идома дорад. Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, чандин лоиҳа бо усулҳои интерактивӣ ва ғайраҳо таълимро пешниҳод карданд. Ва дар солҳои охир лоиҳаҳо муносибати босалоҳиятро пешниҳод карданд, ки сари ин масъала

баҳсҳои бисёр ба миён омаданд ва дар робита ба муносибати босалоҳият мақолаю дастурҳо таълиф ва манзур гаштанд. Рисола ё навиштае, ки ҷавобгӯи ниёзҳои муносибати босалоҳияту ҷолиб бошанд, чандон ба назар нарасиданд. Вале мавзуи интихобкардаи муаллифи рисола ва автореферати мазкур муҳим ва мубрам аст. Ин нуктаҳо дар мақсади таҳқиқот ва вазифаҳои таҳқиқот басо муфассал, нишонрасу дархур шарҳу маънидод шудаанд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муаллифи автореферат Султонмамадова М. А. бар асоси омӯзиши маводди фаровони илмию педагогӣ, психологӣ ва дидактикӣ, таҳлили амиқи вазъи таълими фанни "Адабиёти тоҷик", дастурҳои методиву китобҳои дарсӣ, барномаи фаннӣ, гузаронидани суҳбату пурсишномаҳо (анкетаҳо), ба роҳ мондани озмоишҳои таълимӣ дар синфҳои муқаррариву назоратӣ, мутолиаю баррасии барномаи курсҳои такмили ихтисос ва ғайраҳо бисёр бамавқеъ, мураттабу нишонрас таҳлилу ҷамъбаст намуда, дар шакли мухтасар натиҷаю хулосаҳои дақиқ баровардааст, ки истифоди он дар фаъолияти мутахассисон ба беҳтар гаштани сифати корҳо ва маводди омодасохтаашон мусоидат менамояд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодкардаи муаллифи диссертатсия дар автерефират дар шакли мухтасар ва бар асоси ҷамъбасти моҳиронаи фаъолиятҳои анҷомдодааш басо равшану возеҳ инъикос ёфтаанд. Натиҷаи аз озмоиш дар синфҳои муқаррарӣ ва назоратӣ бадастовардаро дар диссертатсия ба шакли оморӣ ва дар муқойса манзур сохтааст. Аксари нуктаҳо, яъне методикаи тадриси каломи манзум аз нигоҳи нав ва бо истифодаи технологияи муосири интерактивӣ баррасӣ ва мавқеи истифода қарор гирифтаанд.

Дар автореферат оид ба навигариҳои рисолааш муҳаққиқ чунин менигорад: "бори нахуст дар илми педагогикаи тоҷик методикаи таълими каломи манзум дар шароити муносибати босалоҳияти таълим дар МТМУ таҳқиқ ва аз таҷрибаву озмоишҳои педагогӣ гузаронида шуда, методҳои тадриси ашъори ғиноӣ ва осори манзуми ҳамосӣ, ки ба ташаккули

салоҳиятҳо замина мегузоранд, дар се зинаи омӯзиши адабиёт бо мисолҳо ва далелҳои илмию методӣ собит шудааст, аз он ҷумла асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои методии муносибати босалоҳият дар таълими адабиёти тоҷик дар МТМУ таҳқиқ шуда хусусиятҳои муштарак ва фарқи муносибатҳои босалоҳият дар таълими адабиёт аз омӯзиши суннатии каломи манзум муайян карда шудаанд; МБ ҳангоми таълими каломи манзум дар се зинаи омӯзиши адабиёт бо истифода аз технологияи интерактивӣ риоя шудааст, ки омӯзгорон метавонанд дар таълими ашъори шоирон бо сифати модули таълим истифода баранд. Иштибоҳ ва номувофиқатии барномаву китобҳои дарсӣ, ба синни хонандагон ва шарҳи ашъори ғиноӣ муайян ва бо далелҳои илмию методӣ нишон дода шуда, намунаҳои ашъори ғиноӣ ва осори манзуми ҳамосӣ барои се зинаи таҳсилот пешниҳод гардидааст.

Муаллифи таҳқиқот оид ба самаранокии таҳқиқот дар чандин конференсияҳои сатҳи байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ гузоришҳо кардааст.

Бояд зикр кард, ки соҳибрисола нуқтаи назари хешро бо далелҳо собит сохта, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот ва моҳияти илмии онро муқаррар сохта, методикаи комилан мувофиқ ва муносиби корҳои озмоишӣ-таҷрибавиро таҳия ва коркард кардааст.

Чунон ки таҳлили автореферат моро ба чунин хулоса овард, ки дар ҷараён ва раванди таҳқиқот соҳибрисола баъзе нуктаҳои назариявии муносибати босалоҳият, яъне консепсияи он ва методҳои таълимро дуруст ва пурра фаро гирифтан андешаҳои беҳтарини мутахассисони ватанӣ ва берунӣ баёндоштаро аниқ омӯхтааст, то дар пешниҳодаш хатоие рух надиҳад. Як моҳияти диссертатсияи мазкур дар он аст, ки соҳибрисола фикру мулоҳизаҳояшро боҷуръатона бар асоси натиҷаҳои аз озмоишҳо ва саволу ҷавоб, яъне пурсишномаҳои бо хонандагону омӯзгорон гузаронидааш баён медорад, ки бар хилофи андешаҳои аксари мушовирони ватанӣ ва хориҷӣ мебошанд, ки танҳо муносибати босалоҳиятро шеваи ягонаи таълим меҳисобанд, ки гӯё айни замон ин роҳи ягонаи аз худ кардани донишу мустақилона фаро гирифтани дониши нав бошад. Дар робита ба ин менависад: “Дар МБТ ба таҷрибаи хонанда такя

карда мешавад ва мавзуъ аз проблемагузорӣ оғоз мешавад омӯзиши проблемавӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки зарурати омӯзиши мавзуи пешниҳодшударо дарк кунад. Дар МБ дар меҳвари фаъолияти таълим-хонанда қарор дорад ва омӯзгор роҳбаладу роҳнамо фаъолияти хонандагонро арзёбӣ намояд... Аммо ин маънои онро надорад, ки ҳангоми таълими адабиёт, хусусан, ҳини таълими осори манзум методҳои таълими суннатӣ ба куллӣ даст кашем. Мо дар ин масъала ҷонибдори ин андеша ҳастем, ки МБТ ва низоми анъанавии таълим ба ҳеҷ ваҷҳ яке дигареро ба куллӣ инкор намекунад, балки истифодаи дуруст ва самараноки онҳо натиҷаи дилхоҳ ба бор меорад" (саҳ.13) Дар ҳақиқат, таълими ин ё он фан ва мавзуъҳоро танҳо тавассути як роҳу усул ба роҳ мондан самараи матлуб ба бор намеорад. Ҳар як мавзую фасл роҳу усул ва шеваҳои гуногунро тақозо менамояд... Чунин андешаҳои муаллиф дар автореферат ҷо-ҷо зикр шудаанд. Масалан, усули интерактивӣ (саҳ.11), проблемагузорӣ, усулҳои репродуктивӣ, таҳқиқотӣ-ҷустуҷӯӣ, муқоиса, методи муқоиса (саҳ.14), методҳои сухбат ва саволу ҷавоб (саҳ.24) ва ғайраҳо.

Як нуктаро бояд тазаккур дод, ки ба интихоби мавзуъ иртибот дорад. Ба андешаи мо, мавзуи диссертатсия хеле васеъ буда, нуктаҳоеро фаро гирифтааст, ки ҳар кадоми онро метавон ба сифати рисолаи таҳқиқотии ҷудогона интихоб ва таҳқиқ кард. Танҳо ин амал диссертантро водор сохтааст, ки ҳаҷман кори зиёдеро анҷом диҳад. Ҳаҷман васеъ будани мавзуъ барои дар сатҳи баланду зарурӣ иҷро шудани таҳқиқот монеае эҷод накардааст. Ба шарофати дастгирию маслиҳатҳои роҳбари илмӣ диссертант мушкилоти пешомадаро бо азми дурусту саъйи комил рафъ намудааст.

Қобили таваҷҷуҳи хосса аст, ки мақолаю дастурҳои илмӣ-методии нашркардаи диссертант дар фаъолияти амалии омӯзгорон ба таври васеъ истифода мешаванд.

Автореферат бо забони содаю равон таълиф шуда, муҳтавои асосии рисоларо фаро гирифтааст. Дар баробари муваффақиятҳо дар матни автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва китобат роҳ ёфтаанд, ки мо ҳамаи

онҳоро дар матни он зикр кардем. Ғалатҳоро ба осонӣ ва зуд ислоҳ кардан мумкин аст. Ва ба назари мо, аллкай ин ғалатҳо дар матнӣ автореферат ислоҳ шуданд.

Нуқсонҳои дар боло зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ ба сатҳи илмию назариявии автореферат таъсири манфӣ намерасонад. Диссертатсияи таҳқиқотии Султонмамадова М. А. аз ҷиҳати илмию методӣ босаводона иҷро гардидааст, натиҷаҳои он муътамад ва бо эътимоданд.

Дар маҷмуъ таҳқиқоти баррасишуда ба ҳамаи талаботе, ки нисбат ба автореферати диссертатсияи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) гузошта шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 сазовор аст.

Мудири шуъбаи забон ва адабиёти
тоҷики Муассисаи нашриявии
"Маориф"-и Вазорати маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои педагогӣ, узви
вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон С. Аминов

Имзои С.Аминовро тасдиқ мекунам:
Мутахассиси шуъбаи кадрҳо: С. Рустамзода

23.10.2024